Қарори № 2

маҷлиси шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

2.03.2021 ш. Душанбе

Ширкат доштанд:

раис: д.и.ф., проф. Сатторзода А. аъзо: н.и.ф., Муҳаммадиев Ш., н.и.ф., Маликзод А., н.и.ф., Юсуфов У., д.и.ф., Исрофилниё Ш. Р., Акбарзод М., Исматова З., Усмонова Г., ва д.и.ф., Мардонӣ Т., н.и.ф. Зиёев С.

Рӯзнома:

1. Муҳокимаи диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи **«Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб).

ШУНИДА ШУД:

1. Маълумот дар бораи диссертант аз ҷониби мудири шуъба:

Диссертатсияе, ки мавриди муҳокима қарор дорад, дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Холов Аълохуҷа аспиранти шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (солҳои 2015-2018) буда, мавзуи илмияш таҳти унвони «Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» дар маҷлиси Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 01 апрели 2016, қарори № 3 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ д.и.ф., Тоҷиддин Мардонӣ – сарходими шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

Диссертатсия дар шакли пурра ба шуъба пешниҳод гардида буд ва аз ҷониби шуъба муқарризони зерин таъин шуданд:

н.и.ф. Анзурат Маликзод
н.и.ф. Юсуфов Умриддин
ходимони илмии шуъба Мубашшир Акбарзод,
Исматова Зулфия
н.и.ф. Зиёев Субҳиддин

2. Маърузаи диссертант оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ, мақсаду вазифа ва мубрамии мавзуи диссертатсия;

Савол доданд:

н.и.ф. Юсуфов У.

Савол: *Баъзе абёте, ки дар рисола оварда шудааст, тарҷумаи худи муаллиф аст ва ё тарҷумаи Абдурраҳмони Ҷомӣ?*

Ҷавоб: Тарҷумаҳое, ки зимни абёти арабӣ ба шакли наср оварда шудаанд, тарҷумаҳои муаллифи рисола ва он тарҷумаҳои шеърие, ки дар бархе поварақиҳо ва бахши "Тарҷумаи "Тоия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" дида мешаванд, тарҷумаҳои Абдурраҳмони Ҷомиянд.

н.и.ф. Юсуфов У.

Савол: *Ба матлаби зерин, ки дар рисола овардаед, равшанӣ меандохтед: "А. Афсаҳзод аз иштибоҳоти нассохону муҳаққиқон дар мавриди номгузорӣ ва ё як рисоларо ҳамчун ду асар зикр кардани эшон ҳарф мезанад, рисолаҳои "Лавомеъ", "Шарҳи баъзе абёти "Тоияи форизия" ва "Шарҳи қасидаи "Хамрия мимияи форизия"-ро зикр мекунад, ки ҳарсе (дар асл ҳарду) ба эҷодиёти Ибн ал-Фориз вобастагӣ доранд"!*

Ҷавоб: А. Афсаҳзод дар мавриди теъдоди осори Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳарф зада, масъалаи як рисоларо ҳамчун ду асар зикр кардани муҳаққиқон баррасӣ карда, аз ҷумла рисолаҳои "Лавомеъ", "Шарҳи баъзе абёти "Тоияи форизия" ва "Шарҳи қасидаи "Хамрияи мимияи форизия"-ро меорад, ки ин се рисола, дар асл ду рисола аст, зеро рисолаи "Лавомеъ" ҳамон "Шарҳи қасидаи "Хамрияи мимияи форизия" мебошад.

М. Акбарзод

Савол: *Дар байтҳои арабӣ дар охири мисраъҳо овардани ҳаракатҳо лозим аст?*

Ҷавоб: Дар байтҳои арабӣ овардани ҳаракатҳо барои дуруст хондани байт, риояи арӯз ва якнавохт садо додани ҳаракатҳои охири шеъри арабӣ лозим аст. Ин шева дар аксар китобҳои шеъри арабӣ риоя гардидааст.

н.и.ф. Зиёев С.

Савол: *Дар боби аввал, ки "Аҳвол ва осори Ибн ал-Фориз" ном гирифтааст, дар мавриди таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ сухан намеравад, шояд ин боб зарурат надошта бошад?*

Ҷавоб: Дар сурате, ки осори Ибн ал-Фориз, шоири орифи араб ба эҷодиёти аксар шуарои сӯфимашраби форсу тоҷик, махсусан ба Абдурраҳмони Ҷомӣ таъсир гузоштааст, ҳалли масъалаи таъсирпазирии Ҷомӣ аз ин ориф бидуни муаррифии аҳвол ва осори ӯ имконнопазир менамояд.

РАФТИ ҶАЛАСА:

Роҳбари илмӣ, *д.и.ф. Т.Мардонӣ*: Хушбахтона, айни ҳол дар самти адабиёти татбиқӣ ва равобити адабӣ рисолаҳои илмӣ ҳимоя шуда истодаанд. Арабшиносон забон ва адабиёти арабро ба самти филологияи тоҷик равона месозанд, ки барои омӯзиши адабиёти тоҷик хеле муҳим аст. Ин ҷанбаи адабиётшиносии мо бояд идома дода шавад.

Яке аз ҳамин гуна масъалаҳо мавзуи таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз адабиёти араб, хоссатан аз ашъори Ибн ал-Фориз мебошад, ки то имрӯз таҳқиқоти мукаммалу мустақиле дар ин бора дар адабиёти тоҷик сурат нагирифтааст.

Аз ин рӯ, масъалаи баррасии таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар адабиётшиносии чи дохили кишвар ва чи берун аз он пажӯҳиши комилан нав мебошад. Масъалаи мазкур ҳамчун асари монографӣ бори нахуст рӯи кор омада, мубрам арзёбӣ мегардад.

***Раис*: Сухан ба муқарриз н.и.ф. Анзурат Маликзод дода мешавад.**

– Мавзуъ воқеан зарурист ва диссертант дар ҳаҷми як рисолаи илмӣ кӯшиш кардааст, ки чеҳраи адабии Ибн ал-Фориз ва таъсири ӯро ба ашъори Абдурраҳмони Ҷомӣ хуб нишон диҳад. Рисола дар асоси маводи фаровони илмӣ навишта шудааст. Яке аз мазиятҳои рисола дар он аст, ки тасаввури хонандаро дар бораи Ибн ал-Фориз ва таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ӯ комилтар месозад.

Рисола кори анҷомшуда аст, агар қисмати муқаддимаву хулоса таҷдиди назар ва тибқи талаботи КОА мураттаб гардида, ғалатҳои имлоиву техникӣ ислоҳ шаванд, аҳаммияти илмии он зиёдтар мешавад. Ҳамчунин номи мавзуи диссертатсия ва унвони фаслҳои боби якумро тағйир додан лозим.

Раис: Сухан ба муқарриз н.и.ф. Юсуфов Умриддин дода мешавад.

– Рисола кори анҷомшудаи илмист ва дар таҳқиқи адабиёти татбиқӣ, хусусан таъсири адабиёти араб ба адаби форсии тоҷикӣ як марҳилаи тоза аст. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки таъсири Ибн ал-Форизро ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар боби сеюм ба навҳи илмӣ таҳқиқ кунад.

Диссертатсия ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, аммо баъзе ғалатҳои имлоӣ ба мисли калимаҳои “чунончи”, “гаронқадр”,

“Имрулқайс”, “мубодала”, “мушоҳада” ва ғ. таҳрир мехоҳанд. Ҳамчунин дар таърифи санъатҳои бадеӣ беҳтар мебуд аз китобҳои бадеии донишмандони форсу тоҷик истифода шавад.

Бо вуҷуди ин ҳама, рисола ба забони мукаммали илмӣ навишта шудааст ва пешниҳод мекунам, ки барои дифоъ тавсия шавад.

Раис: Сухан ба муқарриз Мубашшири Акбарзод дода мешавад:

– Рисола хуб аст, ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф заҳмати зиёд кашидааст. Бисёр хуб мебуд он сактаҳое, ки дар ашъор омадаанд, ислоҳ шаванд. Чунончи калимаву ибораҳои “азрақлисонон”, “пой”, “амирро”, “куми”, “ҳабиби ҷон”, “ту баҳо” ва ғайра, ки дар ашъори рисола зикр шудаанд, таҳрир мехоҳанд.

Баъзе абёт ба таври ғалат чоп шудаанд, ки ба ин сабаб вазнашон халал ёфта, муаллифи диссертатсияро зарур аст, ки то ҳимоя онҳоро бартараф созад.

Дар маҷмӯъ кор арзишманд аст. Пешниҳод мекунам, ки пас аз ислоҳи ғалатҳо ба дифоъ тавсия шавад.

Раис: Сухан ба муқарриз Исматова Зулфия дода мешавад.

– Ман ба андешаҳои устодон мувофиқам. Диссертант мавзуи бисёр муҳим интихоб карда, аз сарчашмаҳои зиёди илмиву назарӣ истифода кардааст. Пешниҳод мекунам, ки рисола барои дифоъ тавсия шавад.

Раис: Сухан ба н.и.ф. Зиёев Субҳиддин дода мешавад.

– Рисола бисёр кори хуб ва дар доираи масъалаҳои равобити адабӣ мавзуи мубрам аст. Ман ҳам ба андешаҳои устодон мувофиқам ҳастам. Вале салоҳ будӣ, ки чанд нукта таҳриру тасҳеҳ гардад, ҳусни кор меафзояд. Унвони фаслҳо ба шакли илмӣ ва дар муқаддима объект ва предмети таҳқиқ илова карда шавад. Баъзе вожаҳо, ба мисли “Қиндил”, “устод”, “ориф” ва ғайра тасҳеҳ металабанд. Хулоса, диссертатсия кори тамомшуда аст, мо низ тарафдорем, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба дифоъ пешниҳод шавад.

Раис: Диссертатсияро 5 нафар хонданд, ҳамагӣ бар он таъкид карданд, ки кор тамомшуда аст ва зарурати баъзе тасҳеҳу такмил, бештар ислоҳи ҷанбаи забону баён, баъзан харобиҳои вазну ғалатхониҳо ба мушоҳида мерасад, бояд онҳо ислоҳ гардида, заминаи илмияшон таҳвият дода шавад. Аз ҷумла, муқаддима ба талаботи КОА мувофиқ карда шавад.

Дар маҷмуъ кор тамомшуда аст. Пас аз ислоҳи ғалатҳо ба ҳимоя тавсия дода шавад.

Маҷлиси шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо назардошти баррасии масъалаи рӯзнома ва фикру андешаҳои аъзои шуъба

ҚАРОР КАРД:

1. Суханронии аъзои шуъба, докторони илм: Сатторзода А., Мардонӣ Т. ва номзадони илм Маликзод А., Юсуфов У., Зиёев С., адабиётшинос Акбарзод М. ва дигарон рочеъ ба муҳокимаи диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи «Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) ба назар гирифта шавад.
2. Диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи «Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, диссертатсияи номзадии мазкур кори пурра анҷомёфта аст, он дорои аппарати қавии илмӣ буда, бо назардошти ворид намудани баъзе ислоҳоти техникӣ ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) иҷозат дода шавад.

Раиси ҷаласа,
д.и.ф., профессор **Сатторзода А.**

Котиб **Мехрони А.**

Имзои Сатторзода А. ва Мехрони А.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ **Нарзиқулова Ҳ.**